**Lingua Franca-и Осиёи Марказии Рақамӣ**
**ва Мавқеи Тоҷикистон дар он**

*Атоев Асомудин*
*магистри илми компютер*
*Фонди Ҷамъиятии*
*Ташаббуси шаҳрвандии сиёсати Интернет*
***asomiddin@cipi.tj***

Технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ (ТИК) имконоти беназиреро барои кишварҳои аз соҳили баҳр, ба мисли Тоҷикистон, дур фароҳам меоварад. Чанд мисоле:

- Рушди тиҷорати электронӣ ва бозори хизмат дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он;
- Дастрасии шаҳрвандон ба хадамоти давлатӣ новобаста аз ҷойи зисту фаъолияти меҳнатӣ. Масалан, шаҳрвандони берун аз кишвар тавассути шабакаи Интернет дархосташонро мефиристанд, дар интихоботҳо фаъолона иштирок менамоянд, бо наздикон худ пайваста дар тамос мемонанд, ва ғайра;
- Кӯтоҳ намудани роҳи расидан ба ихтирооти инсонӣ. Масалн, татбиқи бомуваффақияти формати 3G алоқаи мобилӣ дар Тоҷикистон;
- Расидан ба сарчашмаҳои фарҳангиву маърифатии оламиён. Ҷомеаи академикии бисёр кишварҳо, ҳатто аз дигар сарзаминҳо (континентҳо) ба шабакаи илмиву маърифатии Аврупо GEANT2 пайваст шудаанд;
- Бевосита саҳм гузоштан ба рушди сарчашмаҳои маърифативу фарҳангии оламиён тавассути ташаккул ва рушди намунаҳои ватании онҳо;
- Муаррифӣ намудани дастовардҳои ватанӣ новобаста аз маҳали зист – видеоконфронсҳо ва ғайра.

Тоҷикистон, ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ТИК-ро, чун раванди авлавиятдошта, дар сиёсати рушди худ қабул намудаву азми тараққӣ додани ҷомеаи иттилоотиро дар кишвар бастааст. Қадами ояндаи ин ташаббус пайвастани ҷомеаи ватанӣ ба ҷомеаи байналмилалии иттилоотӣ, яъне ба донишу иттилоот асосёфта мебошад. Маҳз чунинанд ҳадафҳои Стратегияи Давлатӣ «ТИК барои Рушди ҶТ».

Дур будан аз соҳили баҳр, ба истилоҳи англисӣ landlocked country — кишваре, ки қаламраваш бо хушкӣ иҳота гардидааст, маҳдудиятҳои зиёдеро пеш меоварад. Беҳуда нест, ки аз 25 13 иқтисодиёти дар давраи гузариш қарордошта (ЮНЕСКО) ба чунин кишварҳо рост меоянд. Маҳдудияти дигаре ба мисли вобастагии транзитӣ аз кишварҳои ҳамсоя силсилаи мушкилиҳои иқтисодиву иҷтимоиро пеш меоварад, ки ҳалли бештари онҳо аз азму иродаи якчанд кишвар вобаста мебошанд. Чӣ хеле, ки дар оғоз қайд гардида буд, ТИК иқтидори ҳалли бисёри ин масъалаҳоро дорост, дар сурати

татбиқи ҳушмандонаи он. Татбиқи ТИК барои ҳалли ин масъалаҳо ва қазияҳои дохилӣ, метавонад кишварро ба Тоҷикистони рақамӣ[1] табдил диҳад. Имрӯз, кишварро маҷозан (виртуалӣ) аз канори олам ба маркази минтақа ва тадриҷан ба маркази олам табдил додан имконпазир аст. Тоҷикистон имкон дорад, ки иқтидори илмиву фарҳангӣ ва ҳикмати миллии худро истифода бурда аз ин бунбасти ҷуғрофӣ раҳо ёбад. Қаламрави виртуалии (фазои маҷозӣ, киберфазо) худро бо қалами электронӣ, дар ин ҳолат забон ва сарчашмаҳои ватании электронии тоҷикӣ ва дигар забонҳои маъмули минтақа, мунтазам васеъ намояд. Тасаввур намоед, ки Тоҷикистон пули (купрук) рақамии минтақа бошад. Оё ин имконпазир аст? Ин маърӯза кӯшишест барои баҳо додани эҳтимолияти амалӣ гаштани чунин ақида.

Забон муҳимтарин воситаи муошерати инсон мебошад. Арзиши ҳар як забон бо рушди инсоният метавонад афзояд ва ё паст гардад. Ин хусусияи забон дар асри иттилоот бараъло намоён шуда истодааст, ҳангоме ки ҳар як забон қодир аст аз воситаи муошерати миллате ба воситаи дастрасӣ ба дониш барои бисёриҳо дар як муддати кӯтоҳ мубаддал гардад. Барои рушди чунин иқтидор мӯҳтавои ТИК ва ё сарчашмаҳои электронӣ бо ин забон заруранд.

Асрҳои тӯлонӣ забони илму фарҳанг, давлатдориву тиҷорат дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳатто берун аз он забони тоҷикӣ (форсӣ) ба шумор мерафт. Забонеро бо чунин иқтидор ва мартаба забони лингуа франка (lingua franca) номидан мумкин аст. Дар асри гузашта ва кунунӣ ин нақшро дар минтақа забони русӣ бозида истодааст.

*Эзоҳ: Lingua Franca, аслан ибораи италявӣ буда, забонеро меноманд, ки ҳамчун забони муоширату тиҷорати байни кишварҳо васеъ истифода бурда мешавад.*

Мавқеи забони русӣ дар минтақа ҳамчун забони илму фарҳанг, алалхусус дар соҳаи илмҳои дақиқ, имрӯз шояд аз даҳсолаи охири асри XX ҳам дида қавитар бошад. Нақши сарчашмаҳои шабакаи Интернет бо забони русӣ дар ин мавқеъ бениҳоят бузург аст, ки далели иқтидори ТИК буда метавонад. Бештари корбарони Интернет дар минтақа новобаста аз синну солашон аз шабакаҳои иҷтимоии он ба мисли www.odnoclassniki.ru, www.mail.ru ва ғайра васеъ истифода мебаранд. Қисми бештари корбарони тоҷикистонии Интернет, ки тақрибан ба 7%[2] аҳолии кишвар баробар аст, муштариёни ин гуна сарчашмаҳои иҷтимоии русзабон мебошанд. Бо хотиррасон намудани қонуни

1 Азбаски бунёди технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ рақам мебошад, маҷозан ҷомеаеро, ки татбиқгари фаъоли онҳост, рақамӣ номидан мумкин аст.

2 Мувофиқи додаҳои Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия шумораи корбарони ватании Интернет бо назардошти муштариёни мобилии Интернет 435 ҳазорро ташкил менамоянд. Ба андешаи ФҶ ТШСИ шумораи танҳо корбарони Интернет тақрибан 500 ҳазор нафар мебошад.

Меткалф[3], гуфтан мумкин аст, ки арзиши шабакаи русзабон дар Тоҷикистон, шояд ҳатто дар минтақа, нисбати арзиши шабакаи тоҷикизабон бузургтар аст. Ин, аз як тараф, сабаби заиф будани сарчашмаҳои тоҷикизабони Интернетро нишон диҳад (эҷодкорони вебсайтҳо, ба истилоҳ вебстудияҳо, ҳавасманд нестанд барои эҷоди чунин сайтҳо), аз тарафи дигар далелест ба он нукта, ки киберфазои (фазои виртуалӣ, маҷозӣ) як кишвар метавонад аз қаламрави воқеии он борҳо бузургтар ва доимо дар афзоиш бошад. Ин мисол низ аз он гӯвоҳӣ медиҳад, ки арзиши шабакаи тоҷикистонии Интернетро бо рушди сайтҳо бо дигар забонҳои маъмули чи минтақа (русӣ, ӯзбекӣ, чинӣ, қазоқӣ, қирғизӣ) ва чи олам афзудан мумкин аст. Яъне, на танҳо қаламрави виртуалии кишвар (киберфазо) бузургтар аз қаламрави воқеии он ва беандоза буда метавонад, балки шумораи «сокинони виртуалии» (киберсокин) он низ бузургтару доим дар афзоиш буданаш имконпазир аст. Болоравии арзиши шабакаи тоҷикистонии Интернет боиси тафсидани бозори он мегардад, ки ин худ ҳавасмандии вебстудияҳоро (ва на танҳо ватаниро) барои эҷоди сайтҳо бо забони тоҷикӣ низ вусъат медиҳад.

| *Кишвар/ Миллат* | *Қазоқистон kz* | *Қирғизистон kg* | *Тоҷикистон tj* | *Туркманистон tm* | *Ӯзбекистон uz* | *Осиёи Марказӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қазоқ | 53.40% | 0.00% | 0.00% | 0.00% | 3.00% | 14.85% |
| Қирғиз | 0.00% | 64.90% | 1.10% | 0.00% | 0.00% | 5.79% |
| Тоҷик | 0.00% | 0.00% | 79.00% | 0.00% | 5.00% | 11.52% |
| Туркман | 0.00% | 0.00% | 0.00% | 85.00% | 0.00% | 7.21% |
| Ӯзбек | 2.50% | 13.80% | 15.30% | 5.00% | 80.00% | 40.74% |
| Рус | 30.00% | 12.50% | 1.10% | 4.00% | 5.50% | 11.65% |
| Дигарон | 14.10% | 8.80% | 6.60% | 6.00% | 6.50% | 0.09 |
| % аҳолии кишвар, минтақа | 25.24% | 8.73% | 11.68% | 8.48% | 45.87% | 100.36% |
| Аҳолии кишвар | **15,284,929** | **5,284,149** | **7,076,598** | **5,136,262** | **27,780,059** | **60,561,997** |

***Ҷадвали 1: Кишварҳои Осиёи Марказии собиқ Шӯравӣ ва аҳолии онҳо***

3 Роберт Меткалф – Robert Metcalfe. Қонуни ӯ бисёр паҳлуҳои таъсири шабакавии шабакаҳои ТИК-ро, ба мисли Интернет, шабакаи иҷтимоӣ ва веброро маънидод намудааст ,http://en.wikipedia.org/wiki/Metcalfe%27s_Law

Мувофиқи додаҳои Бонки Ҷаҳонӣ ва IWS[4] шумораи умумии корбарони Интернет дар минтақа танҳо 4% аҳолии онро дарбар мегирад. Аз эҳтимол дур нест, ки ин аз нисф зиёди аҳолии дониши забони русӣ доштаи минтақа аст. Яъне бо афзудани мӯҳтавои миллии кишварҳои минтақа эҳтимолияти заиф шудани мавқеи сарчашмаҳои русӣ вуҷуд дорад. Ба ҳар ҳол бо назардошти иқтидори ТИК ва иродаву азми ҳар як кишвари минтақа дигар шудани lingua franca-и Осиёи Марказӣ аз имкон дур нест. Назаре ба додаҳои Бонки Ҷаҳонӣ, ки дар Ҷадвали 1 инъикос гардидаанд, нишон медиҳанд, ки аз нигоҳи шумораи аҳолӣ, корбарони Интернет ва мӯҳтавои он эҳтимолияти ин мавқеъро ишғол намудани забони ӯзбекӣ нисбати дигар забонҳои маъмули минтақа бештар аст. Чӣ хеле, ки аз ин додаҳо бармеояд, ӯзбекон 40% аҳолии минтақаро ташкил медиҳанд ва дар ҳама кишварҳои он ҳиссаи нисбатан баланди ҷомеа мебошанд. Арзиши шабакаи Интернети кишвар дар минтақа баландтарин мебошад.

Эҳтимолияти ин мавқеъро ишғол намудани забони тоҷикӣ (форсӣ) то чӣ андоза арзи вуҷуд дошта метавонад? Барои ҷавоб ёфтан ба ин суол боз ҳам муроҷиат менамоем ба Ҷадвали 1. Тоҷикон дар миёни дигар миллатҳои Ӯзбекистон ҷойи дуюмро ишғол менамоянд. Бешубҳа бо назардошти шумораи тоҷикзабони минтақа ин омор ба фоида Тоҷикистон мебуд, лек ҳадаф дар асоси додаҳои расмӣ ҷавоби воқеӣ ёфтан ба ин савол мебошад ва на балки қонеъ кардани эгои худ, ки ҳаргиз ба манфиати ҷомеа буда наметавонад.

Ҷадвали 1, ки гуногунмиллатии шаҳрвандони Тоҷикистонро низ нишон медиҳад, ки қариб намояндагони тамоми миллатҳои минтақа узви он мебошанд. Дар баробари ин шаҳрвандони Тоҷикистон дар кишварҳои минтақа, ба мисли Қазоқистон ва Қирғизистон, ба ҳайси мардикор рафту омад доранд, ки боиси таҳким додани муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ шуда метавонанд. Аз эҳтимол дур нест, ки Тоҷикистон бо доштани собиқ шаҳрвандони худ дар ин кишварҳо дар минтақа ҷойи аввалро ишғол менамояд. Бо назардошти ин маълумот ва бо фарзияи он, ки сарчашмаҳои ватании виртуалӣ рӯзафзун ғанӣ мегарданд, эҳтимолияти афзудани мавқеи забони тоҷикӣ/форсӣ дар минтақа ва ба пули фарҳангиву илмиву фароғатӣ табдил ёфтани он дар киберфазо меафзояд. Ба ин нукта дар поён бармегардем. Ҳоло бошад як масъалаи доғи рӯзро, ки аз ҳалли ҳушмандонаи он болоравии ин эҳтимолият муҳим аст, дида мебароем.

Дар ҷомеаи имрӯзаи мо ақидаҳои гуногуне оид ба алифбои дар истифода буда ва алифбои форсӣ вуҷуд доранд. Ақидаи гузаштан ба алифбои ниёгон қадами радикалист

4 IWS – Internet World Stats, омори ҷаҳонӣ оид ба Интернет. Дар маърӯза аслан додаҳои ин созмон (http://www.internetworldstats.com) ва Бонки Ҷаҳонӣ (http://www.wordlbank.org/) истифода бурда шудаанд.

ва оқибатҳои он баробаранд ба оқибатҳои қадами гузаштан ба алифбои кириллӣ дар солҳои 30-юми асри гузашта. Мо алаккай таҷрибаи гузаштагони худро аз асри гузашта дорем, гарчанде ки боз кӯшиши такрори онро карда истодаем. Чанде аз далелҳои он ки ҳама гуна гузариш ба манфиати забони тоҷикиву Тоҷикистон буда наметавонад:

- канда шудани аз фарҳанги қариб якасраи худ. Такрори хатои гузаштагони мо танҳо тасдиқи он буда метавонад, ки мо «наомӯхтаем аз гузашти рӯзгор»;
- аз даст додани бозори кунунии киберфазои тоҷикистонӣ, ки тоҷикзабонони дигар кишварҳои собиқ шӯравӣ ташкил карда метавонанд;
- гум кардани пайвандҳо бо тоҷикзабонону собиқ шаҳрвандони тоҷикистонӣ ва бо дасти нимхолӣ рафтан ба киберфазои форсизабонони дунё;
- истодан дар мавқеи корбар боз даҳсолаҳои дигар;
- сарфи маблағ, вақт, нерӯи инсонӣ барои такрори қадами асри гузашта;
- муфт аз даст додани мавқеи кунунӣ, ки метавонад боиси болоравии мавқеи кишвар дар минтақаву арсаи байналмилалӣ гардад (пули фарҳангӣ) ва ғайра.

Албатта мавқеи тарафдорони ин ақида, ки баъзе аз далелҳояшон дастрасӣ ба мероси бузурги илмиву фарҳангии ниёгон, пайвастан ба форсизабонони олам ва сарчашмаҳои бойи замонавии онҳо буда метавонанд, низ мантиқи худро дорост. Лек дастрасӣ ба ин дастовардҳо, бидуни гум кардани дастовардҳои кунунӣ имконпазир аст, тавассути омӯзиши якбораи ҳарду алифбо — кириллӣ ва форсӣ.

Агар алифбои форсӣ дарҳои киберфазои форсизабононро ба мо боз намояд, алифбои кириллӣ ба ташаккул ва мустаҳкам намудани сарчашмаҳои тоҷикистонии Интернетӣ бо забони тоҷикӣ (дигар забонҳои маъмул инчунин) имконият медиҳад. Ин бешак эҳтимолияти нигоҳ доштан ва афзудани сатҳи кунунии тоҷикзабонони кишварҳои собиқ шӯравиро баланд менамояд. Гузашта аз ин, чунин қадам сарчашмаҳои тоҷикизабони киберфазоро бештару беҳтару бозоргир менамояд ва шояд ин боиси ҳавасмандии ҳамзабонони Ирониву Афғонистонӣ гардад баҳри омӯхтани ҳуруфи кирриллӣ[5]. Илова бар ин, ин иқдом пайванди фарҳангиву иқтисодии се кишвари форсизабони минтақар метезонад.

| *Кишвар/ Миллат* | *Af* | *Kz* | *Kg* | *Tj* | *Tm* | *Uz* | *Осиёи Марказӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Паштун | **42.00%** | 0.00% | 0.00% | 0.00% | 0.00% | 0.00% | 14.74% |
| Қазоқ | 0.00% | **53.40%** | 0.00% | 0.00% | 0.00% | 3.00% | 9.64% |

5 Ақидаи аз ду ҷониб омӯхтани ҳарду хат, яъне Ирону Афғонистон дар баробари хати форсӣ хати кириллиро омӯзанду Тоҷикистон дар баробари кириллӣ омӯзиши хати форсиро таҳким додан, ба файласуфи тоҷик Камол Атоев тааллуқ дорад.

| *Кишвар/ Миллат* | *Af* | *Kz* | *Kg* | *Tj* | *Tm* | *Uz* | *Осиёи Марказӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қирғиз | 0.00% | 0.00% | **64.90%** | 1.10% | 0.00% | 0.00% | 3.76% |
| Тоҷик | 27.00% | 0.00% | 0.00% | **79.00%** | 0.00% | 5.00% | 16.95% |
| Туркман | 3.00% | 0.00% | 0.00% | 0.00% | **85.00%** | 0.00% | 5.73% |
| Ӯзбек | 9.00% | 2.50% | 13.80% | 15.30% | 5.00% | **80.00%** | 29.60% |
| Рус | 0.00% | 30.00% | 12.50% | 1.10% | 4.00% | 5.50% | 7.56% |
| Дигар | 19.00% | 14.10% | 8.80% | 6.60% | 6.00% | 6.50% | 12.24% |
| % аҳолии кишвар, минтақа | 35.57% | 16.38% | 5.66% | 7.58% | 5.51% | 29.77% | 100.24% |
| Аҳолии кишвар | 32,738,376 | 15,284,929 | 5,284,149 | 7,076,598 | 5,136,262 | 27,780,059 | 93,300,373 |

***Ҷадвали 2: Аҳолии Осиёи Марказӣ***

Ҷадвали 2 додаҳои ҷадвали пештарaро, бо мавқеи Афғонистон дар минтақа, инъикос менамояд. Чӣ хеле, ки аз натиҷаҳои он бармеояд, мавқеи забони тоҷикӣ дар кулли минтақа беҳтар аст. Аз ин ва гуфтаҳои боло бармеояд, ки Тоҷикистон бо татбиқи ҳушмандонаи ТИК ва забони тоҷикӣ метавонад мавқеи на он қадар пурқуввати худро таҳким дода пайвандгари илм, фарҳанг ва иқтисоди минтақа бошад.

Яке аз қазияҳое, ки мавқеи Тоҷикистонро дар расидан ба ин ҳадаф халалдор менамояд, ин истифодаи фаъолонаи ғайриқонунии нармафзорҳои хусусӣ (НХ) мебошад. Чӣ тавре ки дар маърӯзаи «Моҳияти НОКА дар Таҳкими Забони Тоҷикӣ» хотиррасон шуда буд яке аз бархурдҳои дар назари аввал боэътимоди ҳам пастравии сатҳи ғайриқонунӣ дастрас шудани НХ ва ҳам нигоҳ доштани мавқеи забони тоҷикӣ ин маҳаллисозии НХ мебошад. Аммо, раванди маҳаллисозӣ доимист. Чунки бо пайдо шудани нармафзорҳои нав истилоҳоти дар он буда бояд тарҷима гардад ва ин раванд маблағталаб аст. Бо вуҷуди ин, маводи тарҷимашуда моликияти худи ширкат шуморида мешавад. Нармафзорҳои наве, ки пайдо мешаванд иқтидори техникии бузургтарро мепарастанд ва ин ба хароҷоти иловагӣ меоварад. Илова бар ин, таҷриба нишон медиҳад, ки бозори хурд ба мисли Тоҷикистон, ба чунин ширкатҳо ҷолиб нестанд ва эҳтимолияти маҳаллӣ сохтани ҳатто намуди зоҳирии барнома аз ҷониби ширкат чандон бузург нест (Диаграммаи 1).

Азбаски нармафзорҳои хусусии ширкати Microsoft бештар маъмуланд чи дар кишвар ва чи дар минтақа, дар мисоли маҳаллисозии ин нармафзорҳо дида мебароем, ки кадом кишварҳои минтақа метавонанд мавқеи калидиро дар ин бархурд гузоранд. Дар минтақа НХ-и Microsoft Windows XP Home Edition барои забони қазоқӣ маҳаллӣ сохта шудааст. Қайд намудан зарур аст, ки ду намуди маҳаллисозии ин НХ маъмул гаштааст: пурра то «мағзи» нармафзор ва "рӯякӣ", ба истилоҳ LIP (Language Interface Pack) – бастаи забонии интерфейс. Барои Қазоқистон ҳамин намуд истифода шудааст.Яке маҳаллигардонии пурраи он ва дигаре танҳо тарҷимаи намуди зоҳирии нармафзор.



*Диаграммаи 1: Аҳолӣ ва Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳо, ки MS WinXP-и маҳаллисохташуда доранд*

Тавассути фарзияи поёнӣ кӯшиши дарёфти бархурди ширкат барои маҳаллисозии маводҳояш оварда шудааст.

***Фарзия 1: НХ ба он забонҳое маҳаллӣ шудаанд ва хоҳанд шуд, ки кишвари дорандаи забон ба яке аз ду шарти поён ҷавоб гуфта тавонад:***

1. ***Шумораи зиёди аҳолӣ дошта бошад (ба мисли Чин);***
2. ***Бузург будани Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии (ММД – GDP) кишвар. Ба мисли Норвегия, ки гарчанде 5 млн аҳолӣ дошта бошад ҳам ММД ба ҳар сари аҳолӣ зиёда аз 50 ҳазор доллари ИМА ташкил менамояд.***

Додаҳои Диаграммаи 1 тасдиқгари ин фарзия буда метавонанд. Албатта, ташаббуси худи кишварҳое, ки омодаанд раванди маҳаллисозии НХ ширкатро маҳаллӣ созанд инкор кардан лозим нест.

Агар бо назардошти Фарзияи 1 ба Диаграммаи 2 назар афканем, эҳтимолияти он ки дар солҳои наздик маҳаллисозии НХ ширкат барои Афғонистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба роҳ монда мешаванд, бузург аст. Лекин агар ширкати Microsoft хоҳиши нигоҳ доштани монополияи худро дар минтақа, ки заминаашро аллакай НХ пиратӣ гузоштаанд, нигоҳ доштаву таҳким доданӣ бошад, маводҳояшро ба забони ӯзбекӣ

маҳаллӣ месозад. Дар он сурат, кишварҳои хурд, ба мисли Тоҷикистон ва Қирғизистон, ё маҷбуранд НХ ширкатро барои худ маҳаллӣ созанду дар маҷрои раванди шадиди бозори хусусӣ кӯшиши зистан кунанд, ё аз маводҳои маҳаллисохтаи кишвари ҳамсоя истифода баранд.

Мавқеи Тоҷикистон ҳоло ҳам қавист бо он ки шумораи начандон бузурги корбарони ин технологияҳоро дорад ва нармафзорҳои озод ва кушодаасоси зиёде маҳаллисозӣ (НОКА) шудаанд. Тоҷикистон аз нигоҳи маҳаллисозӣ ва татбики НОКА дар идораву муассисаҳои таълимӣ дар минтақа пешсаф аст. Лек ин муваққатист, чунки ин дастовардҳо ташаббусҳои ватанпарастии гурӯҳҳои алоҳида бо дастгирии институтҳои башардӯстонаи байналмилалист, на дастгирии муташаккилонаи сохтори давлатӣ ба мисли кишварҳои ҳамсоя ба мисли Қирғизистон ва Ӯзбекистон. Масалан дар Ӯзбекистон[6], маркази махсусе аз ҳисоби бӯҷаи давлат созмон дода шудааст, ки ба рушди системаи оперативсионии миллӣ дар асоси НОКА GNU/Linux машғул аст ва аллакай ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Санади муҳими давлатии Стратегияи Давлатӣ «ТИК барои Рушди ҶТ», аввалин шуда дар минтақа истифодаи НОКА[7]-ро ҳамчун воситаи пурсамари бартараф намудани «тафовути рақамӣ[8]» ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолият дар ин соҳа донистааст. Боиси таассуф аст, ки ин санади муҳим амалӣ нашуда истодааст.




*Диаграммаи 2: Аҳолӣ ва ММД кишварҳои Осиёи Марказӣ, сарчашма – Бонки Ҷаҳонӣ*

Бо ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки ТИК имкон фароҳам меоварад, Тоҷикистон аз кишвари вобастаи ҳамсояҳои худ (landlocked) ба кишвари транзитӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва ба пули пайвандгарӣ фарҳангҳои кишварҳои собиқ шӯравӣ ва кишварҳои

6 Мувофиқи маълумот 12-уми марти соли 2008 дар Ӯзбекистон ду системаи оператсионии Линукс намоиш дода шудааст. http://doc-serfar.nnm.ru/dva_novyh_uzbekskih_distributivov_linux

7 Бахши 5-ӯми Стратегияи Давлатӣ "ТИК барои Рушди ҶТ" баҳри рушди боэътимоди фазои ягонаи иттилоотӣ истифодаи стандартҳои озод ва таъминоти барномавӣ бо рамзҳои ошкорро тавсия медиҳад.

8 Digital Divide, Pippa Norris – Тафовути Рақамӣ, Муаллиф доктор Норрис дар ин асараш тафовути рақамиро ба ду намуд: иҷтимоӣ, дар дохили кишвар, ва глобалӣ ҷудо намуда шарҳ додааст.

форсизабон дар навбати аввал ва ҳатто фарҳангҳои аврупову шарқ дар оянда гардад аз нуқтаи назар фарҳангӣ.

Барои ба даст овардани натиҷаи назаррас ҳадаф бояд олиҳимматона бошад. Дар ин сурат ҳатто расидан ба ними ҳадаф натиҷаи дилчасп шуда метавонад. Агар ин ҳадаф, яъне табдил ёфтан ба кишвари транзитии минтақа ва пайвандгари фарҳангии кишварҳои минтақа ба мо муяссар нагардад, мо аққалан ба ягонагии кишвари тоҷикистониён омада мерасем. Чунин натиҷа ҳам натиҷаест, ки расидан ба он боиси дарояндаи дур ба даст овардани ҳадафи олиҳимматонаи болост. Ҳатто дар чунин ҳолат ҳам, маънии маҳал дар забони форами тоҷикии ягона дар тамоми кишвар ба маънии ватан баробар мешавад ва саволи "аз кӯҷоӣ?" танҳо мансуб аст ба ватани кас ва на ба маҳали хурдакаки дурдаст, ки имрӯз манфиаташ аз манфиати тамоми кишвар болост.

Дар фарқият аз қаламрави воқеии кишвар, ки бо қалами шахсони бехабар аз олами маънаван ғаниву аз нигоҳи иқтисодӣ қашшоқи мардуми ин диёр, кашида шудааст, қаламрави рақамии (виртуалӣ, маҷозӣ) он аввалин маротиб дар тули ҳазорсолаҳо аз худи ин мардум вобаста аст. Ин фазоест, машҳур бо номи киберфазо, беҳаду канор ва густурдагиву рушди он танҳо аз иродаи давлату аҳли эҷодкори кишвар вобастааст. Дар киберфазо ҳама кишварҳо ба якдигар ҳамсояи бевоситаанд. Тоҷикистон ихтиёр дорад, яъне озод аст дар истифода бурдан ва ё набурдани ин имконоти нодири худ. Дар сурати аввал дарвозаҳои бештари киберфазо барояш кушода хоҳанд монд. Дар акси ҳол бошад, даромадан ба киберфазо боз ҳам аз давлату мардуми он вобаста аст. Танҳо, ҳоҷати даромадан ба киберфазои тоҷикистонӣ нест. Чунки даромадан ба чизи мавҷуднабуда имконнопазир аст.